Ба Шӯрои дисертатсионии 6D.КОА-012
назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
(Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа дар мавзӯи «Такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат) пешниҳод шудааст.**

Воқеан, ҳар як корфармо аз мавқеи баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ҷонибдорӣ он аст, ки захираҳои меҳнатӣ нисбат ба меҳнат майлу рағбати бештар дошта бошанд. Аз ин ҷост, ки корфармоён намудҳои мухталифи ҳавасмандгардонии кормандонро роҳандозӣ менамоянд. Бинобар сабаби он, ки сатҳи зиндагии на ҳама кормандони корхонаю ташкилотҳо дар сатҳи баланд қарор дорад, аз ин рӯ, барои онҳо ҳавасмандгардонии моддӣ нисбат ба ҳавасмандгардонии маънавӣ то андозае афзалият дорад. Новобаста аз он, ки ба масъалаи баландбардории ҳавасмандгардонии моддии кормандон, пеш аз ҳама музди меҳнат аксарияти корфармоён таваҷҷуҳ доранд, аммо то кунун, ҳаҷми ҳавасмандгардониҳои моддӣ ба сатҳи қаноатбахш нарасидааст.

Дар автореферати диссертатсия мувофиқати мақсад ба вазифаҳои гузошташуда, объект ва предмет, навгониҳои бадастовардашуда ба вазифаҳои муайяншуда таъмин карда шудааст. Навгониҳо иҷрои пурраи вазифаҳоро ифода намуда, дар сатҳи лозиимӣ кушрда шудаанд. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ низ назаррас арзёбӣ карда мешавад, ки инро шумораи зиёди мақолаҳои илмии муаллиф тасдиқ менамояд.

Дар боби якум натиҷаи амиқи таҳқиқоти назариявӣ-методии меҳнат ва ҳавасмандгардонии он ҷой дода шудааст. Маводи таҳқиқшаванда дар ин қисмати таҳқиқот ба асори иқтисодчиёни хориҷӣ ва ватанӣ асос меёбад. Муаллиф таҳаввулоти назариявӣ ва роҳҳои методии ҳавасмандгардонии моддиро омӯхта, мавқеи илмии худро перомуни фаҳмиши меҳнат ва ҳавасмандгардонии он муайян кардааст.

Қисмати хулоса ва пешниҳод натиҷаҳои илмӣ ва тавсияҳоро ҷиҳати истифодаи амалии онҳо дар бар гирифта, хусусияти назаривӣ-методӣ, арзёбӣ-таҳлилӣ, амалӣ дорад ва такмилдиҳии низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнатро дар бар мегирад.

Дар автореферати диссертатсия дастовардҳои илмӣ-амалӣ зиёданд, ки баъзе аз онҳоро қайд намудем. Аммо барои боз ҳам

баланд бардоштани мазмуни илмӣ ва сифати иҷрои таҳқиқот эродҳои зерини хусусияти тавсиявидоштаро пешниҳод менамоем:

1. Барои ба таври ошкоро нишон додани тамоюли нишондиҳандаҳои ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар боби 2-юм ҳадди ақал як адад диаграммаи дигар илова карда шавад.

2. Дар боби 3-юм бошад, шумораи расмҳо (схемаҳо) зиёд буда, матн оид ба шарҳи онҳо нисбатан кам аст. Аз ин рӯ, барои ба даст овардани натиҷаҳои арзишманди илмӣ, васеътар шарҳ додани расмҳои боби 3-юм ҳамчун боби хотимавӣ ба манфиати таҳқиқот мебошад.

Тавре тазаккур шуд, эродҳои қайдшуда то андозае характери тавсиявӣ дошта, ба инобат гирифтани онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани мантиқу сифати автореферати диссертатсия мусоидат менамояд.

Бояд қайд кард, ки дар умум автореферати диссертатсияи тақризшаванда дар мавзӯи хело мубрам анҷом дода шудааст. Автореферати пешниҳодгардида ба талаботи муқаррароти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа сазовори додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат) мебошад.

Муқарриз,
н.и.и., дотсенти кафедраи
иқтисодиёти корхонаҳо ва
соҳибкории ДДК ба номи А. Рӯдакӣ: Фатҳуллозода А.Ф.

Имзои «Фатҳуллозода А.Ф.»-ро тасдиқ мекунам
Сардои Раёсати кадрҳо ва КМ,
ДДК ба номи А. Рӯдакӣ: Амиров Ф.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, кӯч. С. Сафаров 16, Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ

Телефон: (+992 3322) 2-35-06, 2-35-09
E-mail: info@kgu.tj, somona@kgu.tj

Сомона: www.kgu.tj
«14» 09 2023